**Такриз**
**ба автореферати диссертатсияи Ҷӯраев Манучехр Бобокулович дар мавзӯи “Масъалаи инсон дар фалсафаи Абдурраҳмони Ҷомӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа (Душанбе, 2023)**

Масъалаи инсон яке аз мавзуъхои марказии илмхои фалсафӣ буда, таҳқику омӯзиши он дар ҳама марҳилаҳои рушди тафаккур ҷойгоҳи хоссаро касб намудааст. Ин мухимият дар замони муосир низ эҳсос мешавад. Масъалаи табиат, моҳият, неруҳои моҳиятӣ ва фаъолияти инсон ҳанӯз ҳам тахкикоти ҷиддиро талаб менамояд, аз ин нуктаи назар диссертатсияи мавриди назар яке аз мавзӯъҳои камтаҳқикгардидаи илми фалсафа буда, диссертатсияи Ҷӯраев Манучехр Бобокулович дар мавзуи “Масъалаи инсон дар фалсафаи Абдурахмони Ҷомӣ” хеле актуалӣ ва дорои арзиши баландӣ илмиву таҳқикист.

Боиси хушнудист, ки унвонҷӯ бори нахуст такя ба асарҳои фундаменталии ба соҳаи фалсафа бахшида шуда, таҳқиқи масъалаи инсонро дар фалсафаи амалии Абурраҳмони Ҷомӣ анҷом дода, мароми таълифоти мутафаккирро дар таърихи фалсафаи тоҷик ва арзиши онро ба ҷомеаи имрӯза муайян намудааст.

Қисмати асосии диссертатсияро таҳлилу баррасии сарчашмаҳои назариявии фалсафаи амалӣ, масоили ахлоқиву гуманистӣ ва андешаҳои сиёсиву иҷтимоии Абдурраҳмони Ҷомӣ ташкил мекунанд. Кори диссертатсионӣ аз ду боб ва шаш зерфасл иборат буда, масъалагузориҳо ва таҳлил дар ҳама бобҳои он равобити бевоситаи мавзӯӣ доранд.

Хулосаҳои бадастомада ва тавсияҳои амалии аз ҷониби унвонҷӯ пешкаш гардида низ аз муҳтавои рисола сарчашма гирифта, характери илмиву таҳқикӣ доранд. Ҳар як банди хулоса ба зербобҳои диссертатсия алоқамандии қавӣ дошта, масъалагузориҳо ва таҳлили амиқи илмӣ аз дониши хуб ва салоҳияти касбии унвонҷӯ дарак медиҳанд.

Новобаста аз муваффақиятҳо, дастоварду далелҳои илмӣ кори диссертатсионии Ҷӯраев Манучеҳр Бобоқулович аз таклифу пешниҳодҳо орӣ нест ва онхоро метавон ба таври зайл иброз намуд:

1. Дар зербоби 2.2-и диссертатсия дар баробари шарҳу маънидод кардани мафхум ва мохияти фалсафаи ахлоқии Абдурраҳмони Ҷомӣ, ин масъала ба ҳолати замони муосир низ мукоиса мегардид, арзиши рисола боло мерафт.

2. Диссертатсия аз хатоиҳои имлоӣ низ орӣ нест ва онҳоро бояд ислоҳ намуд.

Эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии диссертатсияро коста намегардонанд.

Сохтори диссертатсия ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ пурра ҷавобгӯ аст. Диссертант фаҳмиши хуби мавзӯъ, лаёқати кор бо маъхазҳои аслӣ, дорои қобилияти хуби таҳлили назарияҳои фалсафӣ ва фаҳмиши дастгоҳи мафоҳим ва консепсияҳои мавзӯи мавриди омӯзишро нишон медиҳад. Ҷӯраев М.Б. ҳамчун муаллифи тадқиқоти диссертатсионӣ салоҳият ва қобилияти таҳия ва омӯзиши усулҳои нави таҳқиқотиро низ дар ҳаллу фасли масъалаҳои он ба исбот расонидааст.

Дар асоси андешаҳои баёнгардида метавон хулоса кард, ки диссертатсияи Ҷӯраев Манучеҳр Бобоқулович дар мавзуи «Масъалаи инсон дар фалсафаи Абдурраҳмони Ҷомӣ» ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти №267-ум тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа аст.

**Муқарриз:**
**доктори илмхои фалсафа,**
**профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии**
Донишгохи техникии Тоҷикистон ба
номи М.С. Осимӣ **Раҳимов М. Ҳ.**
Тел: 992(37)221-35-11; E-mail,
info@ttu.tj; WWW. @ttu.tj

**Имзои профессор Раҳимовро тасдиқ мекунам.**
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДТТ
ба номи М.С.Осимӣ **Қодирзода Н.Ҳ.**

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони академик Раҷабовҳо, 10

«26» октябри соли 2023